# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба диссертатсияи Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода дар мавзуи “Захираҳои меҳнатӣ асоси ҷойгиркунӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади фанҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода фарогири ҷабаҳои назариявӣ ва амалии яке аз муҳимтарин сарвати миллии дилхоҳ мамлакат захираҳои меҳнатӣ (аҳолӣ) мебошанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, таҷдиди куллии сохтори соҳавӣ ва ҳудудии иқтисодиёт, афзоиши босуръати аҳолӣ, номутаносибиро байни омода намудани мутахассисон ва вазъи бозори меҳнат ба вуҷуд меоранд. Яке аз вазифаҳои афзалиятноки имрӯзаи мамлакат ҷойгиркунии оқилонаи ҳудудии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, захираҳои меҳнатӣ ҳамчун асоси рушд ва ҷойгиркунии соҳаҳои саноат ба талаботи истеҳсолии муосир ҷавобгӯй буда, муҳимтарин омили рушди иқтисодӣ, беҳбудии некуаҳволии аҳолӣ ва рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар, бахусус вилояти Суғд ба шумор меравад.

Сабаби асосии ин раванд то ҷое кӯҳна шудану аҳамият ва иқтидори худро гум кардани аксар принсипҳои рушд ва ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда ба шумор меравад. Вобаста ба ин дар Тоҷикистон дар ҳалли проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатии минтақаҳои алоҳида марҳалаи нав оғоз ёфт. Бинобар ин вазифаи асосноккунии роҳҳои минбаъдаи азхудкунии захираҳои меҳнатии вилояти Суғд бо дарназардошти хусусиятҳои табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва географии он аҳамияти рӯзафзуни илмӣ-амалӣ пайдо карда истодааст. Ин ҳолат амиқии асосноккунии илмӣ-амалиро дар самти азхудкунӣ ва истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар вилояти Суғд тақозо менамояд, нигаронида шудааст.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмиии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси **25.00.24** - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мувофиқ буда ба

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Абдуназарӣ М.К. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Абдуназарӣ М.К. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссартатсияи Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода дар мавзуи “Захираҳои меҳнатӣ асоси ҷойгиркунӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муққаризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, Амонова Дилбар Субҳоновна;

- номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири бахши муҳоҷирати аҳолии шӯъбаи тадқиқотҳои демографии Институти иқтисодӣ ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Бобоев Анвар Абдуллоевич .

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи давлатии "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, инчунин чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Акобиров Ш.З.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсен Ҷураев А.Ҷ.

номзади илмҳои географӣ, дотсент Гулмирзоев Қ. Ҳ.

Имзои н.и.и., дотсент Акобиров Ш. З.ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
котиботи ДҶТИБКСМ Ҳабибзода Манучеҳр

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нисор Муҳаммад 15,
Тел.: +992(373) 221-88-69 факс.: 221-54-57;
Суроғаи электронӣ: takmili-ihtisos@maorif.tj

Имзоҳои н.и.и., дотсент ҶураевА.Ҷ. ва н.и.и., дотсент Гулмирзоев Қ.Ҳ. ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121, www.tgpu.tj;
E-mail: info@tgpu.tj, тел: +992 (37) 224 13 83.